АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2014

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2014

**УДК:8 тадж. 2 + 4тадж**

**ОБИДОВ Д.** [1]

# СИМОИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР ҲИКОЁТИ МАРДУМӢ

Ин мақола ба таҳлилу баррасии ҳикояҳои мутоибавие, ки дар бораи яке аз саромадони адабиёти форс-тоҷик Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ баҳс мекунанд, ихтисос дорад. Таҳлили маводи мавҷуда собит намуд, ки доир ба Ҷомӣ дар байни мардуми Тоҷикистон, Эрон, Ӯзбекистон ва Афғонистон ҳикояҳои зиёде густариш ёфтаанд. Дар ин ҳикояҳо Ҷомӣ ҳамчун шоири тавоно, мутафаккири забардаст, мардумгаро, устоди шоирони ҷавон, шахси саховатманд, инсони зокию ҳозирҷавоб ва ғайра ба тасвир омадааст. Тадқиқи ривоятҳои мазкур аҳаммияти махсуси илмию тарбиявиро қоил аст.

**Калидвожаҳо:** Абдурраҳмони Ҷомӣ, шоири адабиёти форс-тоҷик, ривоятҳои халқӣ, образ, тасвир, Эрон, Тоҷикистон, аҳаммияти тарбиявӣ .

Мусаллам аст, ки Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ шахсияти ҳамаҷонибае буд. Ӯ на фақат шоири тавоно, балки донишманди гузаро, мударриси беҳамто, мусиқишиноси ҳунарманд, марди фақеҳ ва инсони рӯзгордидаю ҷаҳонгаштае буд. Инчунин вай ба ҳайси устоди мумтоз ва сарвари ғамхори бисёр қаламкашон ва намояндагони илму адаб шинохта шуда буд. Аз ҳама муҳимтараш Ҷомӣ инсони комил, ватандӯсти асил ва пуштибони воқеии ранҷбарону бечорагони замони худ буд. Ӯ ҳамеша талош меварзид ва кӯшиш ба харҷ медод, ки адлу инсоф, некию накӯкорӣ, ростию ҳақиқатҷӯӣ, дӯстию рафоқати самимии одамӣ, сулҳу амонӣ, баробарию бародарӣ, эътиқоду эҳтиром нисбат ба аҳли меҳнат, меҳру шафқат, хушбинӣ, ахлоқи пок, ҷавонмардӣ ва амсоли инҳо дар ҳар ҷое, ки лозим аст, пойдору устувор бошад. Вале бо ин ҳама бузургию манзалати чашмгир ва арҷмандии тасхиркунанда Ҷомӣ шахси хоксору некрой ва одами басе олиҳиммату саховатманде буд, абармарде буд, ки ин гуна хислатҳои ҳамидаро барои азбар кардан ба дигарон низ тарғиб менамуд. Масалан, ӯ дар тарғиби ростию росткорӣ ва некию некӯкориҳо гуфтааст:

Рост ҷӯ, рост нигар, рост гузин,
Рост гӯ, рост шунав, рост нишин.
Тир агар рост равад, бар ҳадаф аст
В-ар равад каҷ, зи ҳадаф бартараф аст.

***

Нек шав, то ки ба некон бирасӣ,

---

[1] **Адрес для корреспонденции:** Обидов Дододжон-доктор филологических наук, главный научный сотрудник Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН Республики Таджикистан. 734030, Респулика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Бинокорон, дом 13, кв. 36. телефон: 225-50-06, мобильный телефон: 935555344.

Каси некон шавӣ аз неккасӣ.

Эй басо кас, ки як хӯи накӯ,
Ба накӯкор шавад ҳамзону.

Ё ки дар талқини омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунар фармудааст:

Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қулфкушои ҳама дарҳост илм.

***

Дар талаби илм камар ҷуст кун,
Даст зи ашғоли дигар суст кун.

***

Қимати мард на аз симу зар аст,
Қимати мард ба қадри ҳунар аст.

***

Чу нодонон на дар банди падар бош,
Падар бигзору фарзанди ҳунар бош [1].

Хизмати ниҳоят бузург ва арзишманди ин мутафаккири забардаст дар адабиёти классикии форс-тоҷик аз он иборат аст, ки ӯ дар аксарияти осори заволнопазири худ ҳамзамон бо талқину ситоиши фазилатҳои инсонӣ ҳамагуна аъмолу хасоиси зишт, аз қабили ситамкорӣ, дилозорӣ, ҷаҳолату разолат, қаллобӣ, бухлу ҳасад, кинаву адоват, ҳарисӣ, тамаллуқу чоплусӣ, рӯбинӣ, муфтхӯрӣ, ҳаннотӣ, худситоӣ, ноҷавонмардӣ ва ҳоказоро, ки ба тамоми табақоти инсонҳо ва гуруҳҳои иҷтимоӣ мансубанд ва мояи зиллат ва хории насли одамӣ мегарданд, низ шадидан маҳкуму мазаммат менамояд ва ҳеҷ гоҳ бо ин гуна авомили фасоди рӯҳӣ ва ахлоқи касифи башарӣ сари созиш надорад, баръакс мардумро ба мубориза алайҳи онҳо роҳнамун месозад. Агар гӯем, ки Мавлоно Ҷомӣ бо ин иқдоми худ, бо баёну ифодаи латифи авотиф ва эҳсосоти инсонҳои оддӣ, ки ҳамчун шуълаҳои фурӯзон аз паси абрҳои тираи асрҳои миёна берун тобидаанд, суннатҳои арҷманд ва анъаноти олии пешинаи адабиёти классикии форс-тоҷикро ҳунармандона ва бо камоли шоистагӣ идома додааст, хато нахоҳем кард. Ин осори пурғановату гаронмоя, ки моломоли ғояю андешаҳои тобноки мардумгароианд ва решаҳояшон аз қаъри адабиёт, ҳунар ва мусиқии дилошӯбу ҷонофарини ҳамватанону ҳаммиллатони эҷодгарашон обёрӣ шудаанд, дар ояндаҳои дуродур низ ҳамеша муфиду судбахш боқӣ хоҳанд монд.

Хулоса, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ҷумлаи он симоҳои пуртавони таърихист, ки ба шарофати ақлу ҳиради тавоно ва қобилияти баланди илмию адабиашон пурарзиштарин дастовардҳои осори назмию насрии адабиёти Аҷамро ба ганҷинаи тамаддуни умумиҷаҳонӣ ба таври абадӣ ба армуғон овардаанд. Ва бешак, он шуҳрати оламгир ва ифтихори бепоёне, ки ба адабиёти классикии мо насиб шудааст ва он таъсири судманду пурсамаре, ки ин адабиёт ба адабиёти мардумони форсизабон ва халқҳои дигар расонидааст, ба номи Ҷомӣ низ иртибот мегирад. Шояд ба эътибори ҳамин заковати ҳайратангез ва хизматҳои ниҳоят шоистаи дар бахши адабиёту фарҳанги халқи худ кардааш бошад, ки дар замонаш ӯ дар байни мардум маҳбубияти зиёде пайдо карда буд. Иззату эҳтироми ӯ хусусан дар байни уламову удабо ва умуман дар байни аҳли қалам, ки шоир бо онҳо кору зиндагӣ мекард ва аз наздик шиносоӣ дошт, басе назаррас буд. Аз ин ҷост, ки ҳанӯз дар замони дар қайди ҳаёт буданаш мардум ва муқаррибону дӯстонаш дар бораи шахсияти ӯ

ҳикоёту ривоёти намакину хотирнишин гуфтаанд, ки онҳо тавассути ноқилону гӯяндагони хуштабъ ва моҳир дар тӯли асрҳо аз даҳон ба даҳон ва аз кишваре ба кишваре интиқол ёфтаю таҳриру такмил гардида, то замони мо ба ҳайси як навъ сарвати гаронбаҳои маънавӣ маҳфуз мондаанд. Теъдоде аз ин ҳикоёту ривоёт ба воситаи баёзҳо, асарҳои илмию бадеӣ ва маҷмӯаҳои фолклорӣ ба мо омада расидаанд. Ин қабил ҳикоёту ривоётро мардум имрӯз ҳам дар маҳфилу ҷамъомадҳо, шабнишиниҳо ва суҳбатҳои алоҳида мегӯянд ва мешунаванд. Гуфтан ва шунидани чунин асарҳо гоҳ-гоҳ дар маҷлису конфронсҳои илмии бахши адабиётшиносӣ ва ҳангоми тадрису омӯзиши эҷодиёти шоир дар донишгоҳу донишкадаҳо ва макотиби таҳсилоти миёна низ аз ҷониби донишмандон, устодон ва муаллимон ба вуқӯъ мепайвандад.

Мутаассифона, ҳикоёту ривоёте, ки дар бораи Мавлоно Ҷомӣ эҷод гардидаанд, аз назари муҳаққиқон хеле дур мондаанд. Дуруст аст, ки дар мавриди гирдоварӣ ва нашри ин осор гомҳо бардошта шудаанд. Вале дар бобати тадқиқи муҳтаво ва шинохти вижагиҳои ғоявию бадеии онҳо то имрӯз кадом таваҷҷуҳи қобили мулоҳиза мабзул нагардидааст. Танҳо дар навиштаҳои алоҳидаи ҷомишиноси маъруф шодравон, профессор Аълохон Афсаҳзод дар мавриди тавзеҳ ва ташхиси ин ва ё он ҷиҳати шахсият ва эҷодиёти шоир баъзе ишораҳо ва ёдовариҳои ҷузъию пароканда ба мушоҳида мерасанд [2], ки аз рӯи онҳо оид ба ин асарҳо тасаввуроти дилхоҳ ҳосил кардан аз имкон берун аст.

Мақолаи ҳозир, ки ба хидмати хонандагони арҷманд тақдим мегардад, ба тадқиқу баррасии бархе аз паҳлуҳои умдаи ин осор ихтисос дорад. Маводи ин мақоларо ҳамон ҳикоёте ташкил медиҳанд, ки онҳо дар давоми тақрибан 50 соли охир дар Бунёди шуъбаи фолклори Пажуҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ бо ҳиммату ибтикори кормандони илмии ҳамин шуъба ва бо ҳамкории дӯстдорони адабиёти шифоҳӣ аз шаҳру ноҳия ва деҳоти гуногуни Тоҷикистон ва маҳалҳои тоҷикнишини ҷумҳурии Ӯзбекистон гирдоварӣ шудаанд. Дар мақола аз асарҳое, ки дар саҳифаҳои маҷмӯаҳои фолклорӣ, пажуҳишҳои илмӣ, баёзҳо, маҷаллаҳо ва рӯзномаҳои давлатии Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон ба табъ расидаанд, низ кор гирифта шудааст.

Бояд гуфт, ки азбаски қисми асосии маводи мавриди тадқиқро ҳикоёти мутоибавӣ ташкил менамоянд, дар мақолаи ҳозир маҳз дар бораи муҳтавои ҳамин жанри адабӣ сухан меравад.

Он гуна, ки иттилоъ дорем, мутоибаҳо аслан моли адабиёти китобианд, вале ба асари аз даҳон ба даҳон интиқол ёфтанашон муаллифони худро гум карда, ба ҳукми фолклор даромадаанд. Онҳо одатан ҳикояҳои хурд-хурд ва ихчаму муъҷазанд, ки дар шаклҳои мухталифи адабӣ – наср, назм ва ё назму наср эҷод мешаванд. Дар ҳикояҳои мутоибавӣ ягон лаҳзаи зиндагӣ ва ё ягон воқеаи хурди марбути ин ё он фард, камбудӣ ва нуқсонҳои хислати ӯ ба таври хандаовар тасвир ва таъкид мегардад. Ҳазлу шӯхӣ ва ҳозирҷавобӣ аз хусусиятҳои умдаи ҳикояҳои мутоибавӣ аст. Дар ин асарҳо ҳаҷви тезу тунд, хашму ғазаб, нафрат ва кинаву адоват ҷойгоҳи чандон устуворе надорад.

Ба яқин метавон гуфт, ки аксарияти ҳикоёти мутоибавии дар бораи Ҷомӣ эҷодшуда ҳамин хусусиятро доро мебошанд, яъне дар онҳо низ ҳазлу шӯхиҳои ширину намакин, хандаҳои басе нозуку латиф, кинояҳои нарм ва ҳозирҷавобиҳои дилнишину фараҳбахш, ки зимнан бо истифода аз калимаҳои духӯра – думаъноӣ сурат мегиранд, мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Ин

гуна ҳазлу шӯхиҳо ва ин гуна хандаю ҳозирҷавобиҳо, ки дар муносибатҳои Ҷомӣ бо ашхоси гуногун ба зуҳур меоянд, ишора ба он мекунанд, ки Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ воқеан ҳам инсони боақлу хирад, шӯху ҳозирҷавоб, зарофатгӯй, закӣ ва шахси хуштабъу зиндадиле будааст. Ин ҷиҳати шахсияти шоирро аз мисолҳои зайл ба осонӣ метавон дарк кард:

«Дар замони салтанати Улуғбек Ҷомӣ аксар вақти худро дар Самарқанд, дар хидмати подшоҳ мегузаронид. Дар он асно ҷавоне соҳиби ҳусн ва зарофат ва шоирпеша аз Марв ба Самарқанд омада буд ва Хокӣ тахаллус менамуд. Рӯзе Ҷомӣ бо ҷамъе аз зарифони Хуросон аз пеши Хокӣ мегузашт. Хокӣ бо шӯхӣ гуфт:

-Куҷо мераванд харони хуросонӣ?

Ҷомӣ гуфт:

- Меравем, то хоке пайдо кунем, ки бар он биғалтем» [3].

«Марди хасисе, ки даъвии зарофат мекард, дар ҳузури Ҷомӣ гуфт:

-Чаҳор дирҳам дорам, мехоҳам ба он чизе бихарам, ки сер шавам ва боқиро бифурӯшам ва боз чаҳор дирҳами худ ҳосил кунам.

Ҷомӣ гуфт:

- Ба маслаххона бирав ва шикамба бихару мағзашро хӯрда пӯсташро бифурӯш ва чаҳор дирҳами худро ба даст ор» [3].

Бунёди ҳикоёти мутоибавие, ки бо номҳои «Боз пиндорам туӣ» ва «Шояд хук кам шуда бошад» машҳуранд, низ дар ҳозирҷавобӣ ва истифодаи алфози духӯра аст. Вале дар ин ҳикояҳо ҳазлу шӯхӣ ва ҳозирҷавобиҳое, ки аз забони Ҷомӣ ба зуҳур омадааст, боз ҳам латифтару нозуктар ба назар мерасад. Ба чунин даъво далел ин аст; дар яке аз ин ҳикояҳо шайхзода, оне, ки ҳадафи ханда қарор гирифтааст, ба хару гов ташбеҳ шудаасту дар дигарӣ қозӣ ба хук. Ин гуна монандкуниҳо, ки низ бо истифода аз алфози духӯра ва ҳунари ҳозирҷавобӣ сурат гирифтааст, чунон моҳирона анҷом пазируфтааст, ки шайхзода ва қозӣ наметавонанд ба моҳияти аслии ҷавоби сухани тарафи муқобил (яъне Ҷомӣ) сарфаҳм раванд ва ба зарари онҳо будани ҷавобро дарк намоянд. Аз ин рӯ, онҳо аз чунин ҷавоб, ки боиси хандохандии хонандаю шунавандаи ҳикояҳо мегардад, намеранҷад ва ба сутуҳ ҳам намеоянд. Мутаваҷҷеҳ мешавем ба матни ҳикояҳо:

1. «Мавлоно Ҷомӣ дар маҷлисе ғазале хонд, ки матлааш ин буд:

Баски дар ҷони фигору ҷисми беморам туӣ,<br>
Ҳар кӣ пайдо мешавад аз дур, пиндорам туӣ.

Яке аз шайхзодаҳои шаҳр, ки холӣ аз балоғат набуд ва даъвии шеъру шоирӣ мекард, бар матлаи ғазали Ҷомӣ эътироз намуд ва гуфт:

-Ҷаноби Мавлоно! Шумо дар ин матлаъ фармудаед: «Ҳар кӣ пайдо мешавад аз дур, пиндорам туӣ». Агар харе ё гове пайдо шавад?

Мавлоно Ҷомӣ гуфт:

-Боз пиндорам туӣ» [4].

2. «Қозии вилояти Ғур, ки марди сиёҳҷурда, пашмин, фарбеҳ ва бадшакл буд, муддате ҷиҳати кифояти муҳиммот дар Ҳирот маътал монд. Рӯзе ӯ ба назди Мавлоно Ҷомӣ омад ва Мавлоно ба ӯ гуфт:

- Шумо дар шаҳри мо муддати зиёд маътал мондед ва чаро ба вилояти худ барнамегардед?

Қозӣ гуфт:

-Дар вилояти мо хук бисёр шуда ва аз ин хотир боз муддате чанд дар шаҳри шумо маътал хоҳам монд:

Ҷомӣ гуфт:

-Аз замоне, ки шумо ба шаҳри мо омадед, шояд хук кам шуда бошад» [5].

Оре, дар ин ду ҳикояи мутоибавӣ ҳазлу шӯхии бисёр нозук ва ҳозирҷавобии басе латифу нишонрасе ҳувайдост, ки он зимнан як навъ тамасхуру истеҳзои пардапӯшона ва як навъ хандаи ширин ва нозуку ноаёнро дар замир дорад. Тарзи истифодаи санъати ҳозирҷавобӣ ва баёни алфози ҳазломез дар ин ҳикояҳо ба дараҷае ҳунармандона аст, ки азбар кардани чунин ҳунар на ҳамеша ба ҳар адиб ва ё ба ҳар гӯяндаи халқӣ насиб мегардад. Аз ин ҷост, ки ҳикояҳои мазкур дар байни халқҳои форсизабон густариши зиёде доранд ва нусхабадалҳои онҳо дар Тоҷикистон, Эрон, Афғон ва дигар кишварҳо тавассути баёзҳо, маҷмӯаҳои фолклорӣ ва маҷаллаю рӯзномаҳо бисёр чоп шудаанд.

Қобили тазаккур аст, ки ҳар гоҳ, ки дар ҳикояҳои мутоибавӣ сухан дар бораи мунфаъил сохтани намояндагони аҳли тақво меравад, оҳанги гуфтори қаҳрамони мусбат–Ҷомӣ ҷиддитар ва намаки ҳазлу шӯхии ӯ нисбатан баландтару гулӯгиртар мегардад, ки инро аз мисолҳои боло низ пай бурдан мумкин аст. Албатта ҷой доштани чунин ҳодиса бесабаб намебошад. Чунон ки аҳли таҳқиқ фармудаанд: «Ҷомӣ дар муддати иқомати худ дар Самарқанд бо пайравони тариқати сӯфияи нақшбандӣ, ки дар он давра дар Осиёи Миёна хеле равнақ ёфта буд, шиносоӣ пайдо кард ва ба ин тариқат пайваст. Нақшбандия яке аз тариқатҳои ба аҳкоми асосии ислом наздиктари тасаввуф буда, аз пайравонаш бо меҳнати худ зиндагӣ кардан, доимо бо халқ будан ва дар зикру ибодат аз худнамоӣ ва зоҳиророӣ дур буданро талаб мекард. Ҷомӣ, ки тамоми ҳаёт ва эҷодиёташро вақфи хизмати халқ карда буд ва аз нафъи худ гузашта ба умум хизмат кардан ва манфиат расониданро вазифаи инсонии ҳар кас медонист, ба ин шиорҳои авомфиребонаи нақшбандиён бовар кард. Ӯ намефаҳмид ва дар замони худ фаҳмида ҳам наметавонист, ки ин шиорҳо барои ба ғафлат андохтани халқ фақат доме мебошаду бас. Дар замони Ҷомӣ пешвоёни ин тариқат аксар касоне буданд, ки порсоӣ ва сӯфигиро барои гирд овардани сарват, барои ба ғафлат андохтан ва боз ҳам зиёдтар истисмор кардани халқ восита ва ниқобе қарор дода буданд. Беҳуда нест, ки Ҷомӣ дар мавқеи тасаввуф истода, бо ҳамин гуна шайхон, бо ҳамин гуна зоҳидоне, ки қаламрави давлати темуриёнро мисли замбӯрхона пур карда буданд, мубориза мебурд. Дунёпарастӣ ва ҷоҳталабии онҳоро фош ва бо овози баланд ба ҳама эълон мекард ва мегуфт:

Ҳазар аз сӯфиёни шаҳру диёр,  
Ҳама номардуманду мардумхор.  
Корашон ғайри хобу хӯрдан не,  
Ҳеҷашон фикри рӯзи мурдан не» [6].

Ҷомӣ дар ҷойи дигар низ дар бораи ин тоифаи авомфиреб, ки аз дасти онҳо тамоман ба дод омада буд, гуфтааст:

Фиғон зи аблаҳии ин харони бедуму гӯш,  
Ки ҷумла шайхтарош омаданду шайхфурӯш.

Ба эҳтимоли зиёд метавон гуфт, ки ҳикояҳои мутоибавие, ки дар онҳо зоҳидони мунофиқ ҳадафи ханда қарор гирифтаанд, ғолибан бо таъсир ва дар заминаи ҳамин гуна ақидаю андешаҳои дар мазаммату танқиди ин зумраи ҷоҳу мансабгаро ва зуҳду тақвои риёкоронаи онҳо баён кардаи Ҷомӣ ба дунё омадаанд. Гумон меравад, ки сабаби дар ин қабил ҳикояҳо то андозае

ҷиддитар ва шадидтар гардидани ҳазлу шӯхӣ ва намакинтар ба зуҳур омадану баландтар садо додани ханда низ дар ҳамин аст.

Барои тасдиқи муътамадтари гуфтаҳои боло зикри матни ду ҳикояи дигарро дар ин ҷо зарур медонем. Дар ин ду асар низ ҳадафи ханда ва мутоиба намояндагони аҳли тақвоянд; дар яке шайхи чилланишин ва дар дигар муллои каззобе, ки Ҷомиро дар байни мардум кофар эълон кардааст. Аммо хандае, ки дар замири ҳикоёти мазкур ҷой дорад ва он тавассути порчаҳои шеърӣ падид меояд, чандон хандаи оддӣ нест, балки вай хандае аст, ки бо талху пичинг ва писханду киноя гиреҳ хӯрда, ба ришханд, ба мазоҳу масхара ва тамасхуру истеҳзои гиребонгир табдил ёфтааст. Ҳатто дар ҳикояи аввал таъкид шудааст, ки аз ин гуна шайхи чилланишин ҳазар бояд кард. Инак, матни он ҳикояҳо:

«Шайх Саид Нуриддин Муҳаммад ибни Саид Сайфиддини Экӣ баъди баҳсе бо Ҷомӣ ва мағлубият аз ӯ дар хонақоҳе чилла нишаст. Ҷомӣ инро шунида ғазале гуфт, ки дар байни мардум паҳн шуда, аз даҳон ба даҳон мегузашт. Матлаи он ғазал ин аст:

Зи шайхи чилланишин дур бошу чиллаи вай,
Ки ҳаст чиллаи вай сардтар зи чиллаи дай…» [4].

«Мулло Ҷалол ном шахсе Ҷомиро дар ҳама ҷо кофар хонда, аз гуфтору рафтори ӯ мисолҳо меоварад ва мегуфт, ки «Ҷомӣ мусиқӣ мешунавад ва ҳазлу шӯхӣ мекунад». Чун ин хабар ба Ҷомӣ расид, Ҷомӣ қитъаи зайлро гуфта, ба Мулло Ҷалол фиристонд:

Агар Мулло Ҷалолам хонд кофар,
Чароғи кизбро набвад фурӯғе.
Мусулмон гӯямаш, к-андар мукофот,
Дурӯғеро сазо бошад дурӯғе» [4].

Аз ҷумлаи маводи гирдомада як силсила ҳикояҳое низ мавҷуданд, ки дар онҳо муносибати Ҷомӣ бо шогирдон ва дигар қаламкашони ҳамзамонаш бозтоб гардидааст. Дар ин гурӯҳи ҳикояҳо Ҷомӣ на фақат ҳамчун як шоири забардаст, балки ба ҳайси як нафар устоди мушфиқу ғамхори шоирони ҷавон, аз қабили Алишери Навоӣ, Абдулло Ҳотифӣ, Камолиддин Биноӣ, Беҳзод, Абдулғафури Лорӣ, Туфайлӣ, Ҳилолӣ, Сайфии Бухороӣ, Баёнӣ, Шайхом Суҳайлӣ, Маъсуди Қумӣ, Аҳмади Абевардӣ, Қосими Коҳӣ, Бобо Фиғонӣ, Камолиддин Низомӣ, Сонеӣ ва дигарон баромад мекунад. Гузашта аз ин Ҷомӣ дар тасвири ҳикояҳои ёдшуда низ инсони закӣ, зарофатгӯй, хуштабъу зиндадил ва ҳозирҷавоб аст. Вале аз мутолиаи ин ҳикояҳо бармеояд, ки ҳазлу шӯхиҳо ва мутоибаҳои шоир бо шогирдонаш басе нозуку латиф, нарм, руҳбахш ва маслиҳатомезу судманд мебошад. Масалан, дар яке аз ҳикояҳои хеле машҳур, ки бо номи «Ҷомӣ ва Ҳотифӣ» сабт шудааст, мехонем:

«Ҷомӣ истеъдоди шоирии хоҳарзодааш Ҳотифиро барои санҷидан ба ӯ як порча шеъри Фирдавсиро, ки ба тариқи ҳаҷв гуфта шудааст, медиҳад, то ба он ҷавоб гӯяд. Шеъри мазкур ба ин шакл аст:

Дарахте, ки талх аст, онро сиришт,
Гараш барнишонӣ ба боғи биҳишт.
В-ар аз ҷӯи хулдаш ба ҳангоми об
Ба бех ангубин резию шаҳди ноб.
Саранҷом гавҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад.

Ҳотифӣ ба ин шеъри Фирдавсӣ мисраъҳои зайлро арза медорад:

Агар байзаи зоғи зулматсиришт,

Ниҳи зери товуси боғи биҳишт.

Ба ҳангоми он байза парварданаш,
Зи анҷири ҷаннат диҳӣ арзанаш.
Диҳӣ обаш аз чашмаи Салсабил,
Бад-он байза дам гар занад Ҷабраил,
Шавад оқибат байзаи зоғ зоғ,
Кашад ранҷи беҳуда товуси боғ.

Баъди хондани ин шеър Ҷомӣ ба Ҳотифӣ мегӯяд:

- Нек гуфтаӣ, вале дар ҳар мисраъ яке байза гузоштаӣ» [7].

Ҷавҳари ҳикоя дар мисраи охирин аст, ки он аз забони Ҷомӣ ба ду маънӣ гуфта шудааст; якум ба маънии аслии ҳодиса, яъне ба маънии дар шеъри мазкур ба миқдори зиёд истифода гардидани калимаи «байза»- тухм ва дуюм ба маънии зоида шудани «байза» аз тарафи муаллифи шеър. Аслан ҳар ду маънии ҷумла ҳам дар мавқеи худ хандаовару фараҳбахш аст. Вале азбаски маънои дуюми ҷумла ҳодисаи ғайриоддӣ ва имконнопазирро ифода мекунад, хонанда ва ё шунавандаи асар аз хандаи базавқ хоҳу нохоҳ худдорӣ карда наметавонад. Бинобар ин омили асосии ба зуҳур омадани ҳазлу шӯхӣ ва ханда, ки дар шакли басо нозуку латиф ва фараҳбахш ва бо истифодаи моҳиронаи санъати ҳозирҷавобӣ падид омадааст, маънии дуюми сухани Ҷомӣ маҳсуб мегардад. Маҳорати баланд ва қобилияти камназири муаллифи асар ҳам дар ҳамин аст, ки ӯ барои нишон додани ҳунари волои ҳозирҷавобӣ ва инсони соҳибзавқу хуштабъ будани Ҷомӣ ва ҷиҳати таъкиди нисбат ба шогирди худ муносибати ғамхоронаю самимӣ доштани Ҷомӣ калимаю ибораҳои муносибро дар мавқеаш устодона ба кор бурдааст. Ба назар чунин мерасад, ки тавассути ин гуна калимаю ибораҳои ҳазломез гӯё ҳунари шоирии Ҳотифӣ аз тарафи устодаш ба таври одилона ва бидуни кадом бухлу ғараз баррасӣ ва арзёбӣ гардидааст.

Ҳақиқатан ҳам, Абдурраҳмони Ҷомӣ дар замонаш бо шогирдони худ падарвор муносибат мекард. Ӯ на фақат дар масъалаи шеъру шоирӣ, балки дар кору бори зиндагиашон низ кӯмаки худро ба онҳо дареғ намедошт, дар мавридҳои зарурӣ барояшон маслиҳатҳои муфид медод, мушкилоташонро осон мегардонид ва бо суҳбатҳои ширину дилпазир ва ҳазлу шӯхиҳои нишотбахши худ табъашонро шоду хотирашонро болида месохт. Ӯ ҳафтае як маротиба дар хонаи худ маҳфили мушоира ороста, дар онҳо ашъори нав эҷодкардаи шогирдонашро мавриди муҳокима ва баҳогузорӣ қарор медод, камбудиҳояшро ислоҳ ва комёбиҳояшро бо хушнудӣ пазиро мешуд.

Ҷомӣ, ки худ на танҳо ҷонибдор, балки бунёдгари назми асилу баландпоя буд, шогирдонашро низ дар ҳамин руҳия ва дар роҳи эҷоди ҳамин гуна назм тарбия менамуд. Ӯ ашъори камбору сустбунёдро намеписандид, онҳоро ба назару эътибор ҳам намегирифт ва он зумра афродеро, ки аз шеъру шоириашон лоф мезаданду худситоӣ менамуданд, ҳадафи хандаи нешдор ва тамасхуру истеҳзо қарор медод, чуноне ки дар ҳикояҳои зерин омадааст:

«Шоире пеши Абдурраҳмони Ҷомӣ гуфтааст:

- Девони Камоли Хуҷандӣ ва девони Хоҷа Ҳофиз ва сад калимаи осори ҳазрати Алишер Навоиро ҷавоб гуфтам.

Ҷомӣ гуфтааст:

-Худойро бо ин худситоиат чӣ ҷавоб хоҳӣ дод?» [5].

«Шоири муҳмалгӯе пеши Мавлоно Ҷомӣ гуфт:

- Чун ба хонаи Каъба расидам, девони шеъри худро аз барои таяммул ва табаррук дар Ҳаҷар-ул-асвод молидам.

Ҷомӣ фармуданд:

-Агар дар Оби Замзам мемолидӣ, беҳтар будӣ» [5].

«Шоире пеши Мавлоно Ҷомӣ ғазале хонд ва гуфт:

-Мехоҳам, ки ин ғазалро дар дарвозаи шаҳр овезам, то шуҳрат пайдо кунам.

Ҷомӣ гуфтанд:

-Мардум чӣ донад, ки ин ғазал аз туст, магар туро низ паҳлӯи ғазалат биовезанд» [5].

Далелҳо нишон медиҳанд, ки Мавлоно Ҷомӣ бо яке аз ҳамсуҳбатони содиқи худ Мавлоно Соғарӣ, ки аз силки шуарои темуриёни Ҳирот буд, гоҳ-гоҳ мутоиба мекардааст ва яке аз он мутоибаҳо ин аст, ки дар он сухан дар бораи аз ҷиҳати маъно коҳиш доштани ашъори Соғарӣ меравад:

«Мегӯянд, ки яке аз шоирони муосири Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки Соғарӣ тахаллус дошт, ҳамеша арз мекард, ки баъзе аз шуаро маънии хуби ашъори ӯро дуздида, аз они худ кардаанд. Боре ӯ ин иддаоро ба Мавлоно Ҷомӣ низ арз кард. Мавлоно Ҷомӣ ба даъвии Мавлоно Соғарӣ ба ин қитъа посух гуфт:

Соғарӣ мегуфт: «-Дуздони маонӣ бурдаанд,

Ҳар куҷо дар шеъри ман як маънии хуш дидаанд»

-Дидам аксар шеърҳояшро яке маънӣ надошт,

Рост мегуфт, ин ки «маъниҳошро дуздидаанд».

Ин қитъа чун ба гӯши Мавлоно Соғарӣ расид, пеши Ҷомӣ омадва гила кард. Ҷомӣ гуфт:

-Мо гуфта будем: «Шоире мегуфт» вале зарифони шаҳр онро «Соғари мегуфт» сохтаанд» [8].

Роҷеъ ба шоир Соғарӣ ҳикояҳои мутоибавӣ хеле зиёданд, ки онҳо аз паҳлуҳои гуногуни шахсият ва аз муносибатҳои ӯ бо ашхоси мухталиф нақл мекунанд. Дида мешавад, ки дар ҳамаи ин қабил ҳикояҳо ӯ бо ягон ҷиҳати шахсияти худ ҳамеша ба ҳайси ҳадафи тири хандаю мазоҳи атрофиёну корафтодагонаш пеши назар меояд.

Ҳикояи» Шеъри ростмазмун» низ дар мавзӯи шеъру шоирӣ эҷод шудааст. Аммо муҳтавои ин ҳикоя аз муҳтавои ҳикояҳои дар ҳамин мавзӯъ эҷодгардида ба куллӣ фарқ мекунад. Масъала ба ин қарор аст, ки дар ҳикояи мазкур шахсе, ки даъвои шоирию шеършиносӣ дорад, бидуни кадом андешаю ибо ашъори Ҷомиро сар то сар ба дурӯғ ва хеҷ мебарорад ва аз ӯ тақозо менамояд, ки минбаъд, агар қудрату ҳунару шеъргӯиро дошта бошад, шеъри воқеию ростмазмун бигӯяд.

Ҷомӣ дар ҷавоби он шахс чаҳор мисраи ба ном шеъру вале дар асл як қитъаи зоҳиран аз суханони хушку муқаррарӣ иборатро, ки дар замираш талху пичинг, киноя, ришханд ва ишораҳои тамасхуромезе дорад, мегӯяду ба дасти ӯ медиҳад, то ки хонаду завқ барад. Он қитъа ба қарор аст:

Латта дар об латтаи тар аст,
Куҳи Қоф аз нахӯд каттатар аст.
Дар Самарқанд гурба ях нахурад,
Дар Бухоро хурӯс мурғи нар аст [9].

Ҳадафи ҳикояи ҳозир танҳо аз нишон додани истеъдоди баланди шоирӣ ва таъкид кардани табъи солими ҳаҷвнигории Ҷомӣ иборат намебошад. Масъалаи асосие, ки дар ин асари фолклорӣ ҷой дораду мавриди баҳс қарор

гирифтааст, мазоҳу масхара ва хандахарошу шарманда кардани ашхосест, ки аз санъати шеъру ҳунари шоирӣ чандон огоҳӣ надоранд ва нисбат ба эҷодкунандагони шеъри асилу баландпоя дар дили худ кинае мепарваранд, ба маҳорату шуҳрати онҳо ҳасад мебаранд ва бахилӣ мекунанд. Ин мутоиба баёнгари танзу киноя ва назари манфии Ҷомӣ нисбат ба шоироне аст, ки барои рӯпӯш кардани ношудию беҳунарии худ дар назди қаламкашони пурдону ҳунарманд, худнамоию донотарошӣ ва густохӣ мекунанд. Аҳамият ва арзиши бадеии ин ҳикоя ҳам дар қадами аввал дар танқиду ҳаҷву масхара кардани нияти хоми ҳамин гуна шоирони нотавонбину ноуҳдабарою ношуд ва арҷгузории мақоми баланди шоирии Ҷомӣ дар байни мардуми соҳибназар аст.

Дар байни маводи мавҷуда боз чанд ҳикояи мутоибавӣ ҳастанд, ки ҳар кадоме аз онҳо низ ягон лаҳзаи ҳаёт ва ё ягон муносибати Ҷомиро бо ашхоси алоҳида нишон медиҳад. Дар баъзе аз ин асарҳо ҳадафи ҳазлу шӯхӣ ва ханда худи Ҷомӣ аст. Вале ҳазлу шӯхӣ ва хандае, ки дар ин ҳикояҳо Ҷомӣ ҳадафи онҳо қарор гирифтааст, ҳазлу шӯхӣ ва хандаи фараҳбахш, беғаразона, беолоиш, рӯҳпарвар ва дӯстона мебошад. Мурод аз эҷоди ин ҳикояҳо низ ғолибан таъкид кардани шахсият ва маҳбубияти Ҷомӣ дар байни ҳамватанону ҳаммиллатонаш ва ба ҳамин восита арҷгузоштани обрӯю эътибори ӯ ҳамчун шоири олимақом ва инсони зарофатгӯй ва хуштабъ аст. Ин се матни мутоиботи марбут ба Ҷомиро зикр менамоем, ки яке аз Афғонистон, дигарӣ аз Хуҷанд ва сеюмӣ аз Самарқанд сабт шудааст:

«Абдурраҳмони Ҷомӣ қади баланд доштааст ва ба сараш дастор – саллаи калон мебастааст. Мардум барои ханда ин қитъаро дар ҳаққи ӯ сохтаанд:

Қадди баланди Ҷомӣ,
Мандили пора-пора,
Монанди ғори лаклак,
Андар сари манора» [10].

«Мавлоно Ҷомӣ дар кӯча тасодуфан як нафар нозанини ҳарирпӯшро мебинанд, ки мӯи баданаш дамида. Ба он нозанин нигариста гуфтаанд:

Нозанини ҳарипӯшида,
Баҳри мӯчиданаш накӯшида.

Он нозанини ҳарирпӯш бадеҳатан гуфтааст:

Аз барои мусибати Ҷомӣ,
Пӯстин вожгун пӯшида» [11].

«Мегӯянд, ки пеши манаҳи Мавлоно Ҷомӣ мӯй надошт. Рӯзе мулло Мушфиқӣ Ҷомиро дар роҳ дида, ба тариқи шӯхӣ гуфтааст:

Манаҳи мардумон барорад риш,
Риши Ҷомӣ манаҳ бароварда» [11].

Ба ҳамин тариқ, ҳикоёти мутоибавие, ки ба шахсият ва рӯзгори Абдурраҳмони Ҷомӣ иртибот мегиранд, аз намунаи беҳтарини ин жанр ба шумор меравaнд. Ҳозирҷавобӣ асоси сюжети ин гуна асарҳост, ки он одатан ба воситаи сухани қаҳрамони мусбат – Ҷомӣ гоҳ дар шакли хандаи базавку фараҳбахш ва ҳазлу шӯхиҳои ниҳоят латифу нозуку нарм ва гоҳе дар шакли ришханд, тамасхуру истеҳзо, киноя, писханд, талху пичинг ва амсоли инҳо ба зуҳур меояд. Ришханд ва тамасхуру истеҳзо ва ғайра хусусан дар ҳикоёте, ки қаҳрамони манфии онҳо аз ҷумлаи ашхоси соҳибмансаб, намояндагони дин – мулло, шайху шайхзодаҳо ва назири инҳоянд, бештар ва шадидтару обдортар аст. Умуман, дар ҳикоёти мутоибавӣ Ҷомӣ ҳамчун шоири мумтоз, суханвари моҳир, шеършинос, инсони закию ҳозирҷавоб, устоди шоирон ва шахси

назарбаланд тасвир ёфтааст, ки ӯ воқеан ҳам дар зиндагӣ табиатан ҳамин тавр будааст.

Ҳикояҳои мутоибавие, ки дар мақолаи ҳозир мавриди гуфтугӯ ва баҳс қарор гирифтаанд, меҳрномаи халқ, баёнгари эҳсосоти гарм ва эҳтироми самимонаи мардуми оддӣ нисбат ба алломаи Шарқ, нобиғаи назми баландпоя, тарғибгари заволнопазири инсондӯстию озодихоҳӣ ва яке аз саромадони шуҳратманди адабу фарҳанги қарни понздаҳуми форс- тоҷик Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ мебошанд. Ин ҳикояҳо гӯёи онанд, ки халқ хизматҳои бузурги ин фарзанди арҷманду фарзонаи худро, ки бо ақлу идроки тасхиргараш дар роҳи рушду инкишофи тамаддуни башарӣ ба ҷо овардааст, на фақат фаромӯш накардааст, балки ному мақоми ӯро низ дар радифи ному мақоми дигар фарзандони барӯманду овозадораш чун Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Умар Хайём, Ҷалолиддини Балхии Румӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдуқодири Бедил ва амсоли инҳо ба таври абад посдорӣ ва арҷгузорӣ намудааст.

**Адабиёт**

1. Ин порчаҳои шеърӣ аз китоби Абдурраҳмони Ҷомӣ «Панду ҳикматҳо» (Мураттиб ва муаллифи дебоча Зоҳир Аҳрорӣ, Душанбе, 1989) иқтибос шудаанд.
2. Аълохон Афсаҳзод. Уқоби баландпарвози фазои сухан // Ҳақиқати Ӯзбакистон, 15 январи с. 1989.
3. Ганҷинаи латоиф, гирдоваранда М. Фарҳод. Танзим ва тасҳеҳи Ҳусайни Тасбеҳӣ. Муассисаи интишороти «Бунёд», фарвардини 1347 ҳ.- С. 87.
4. Лутфи латиф. Мураттибон У. Ҳақбердӣ ва В. Одина. Душанбе, 1992.- С. 28.
5. Фахриддин Алии Сафӣ. Латоиф-ут-авоиф. Душанбе, 1963.- С. 92 (Минбаъд «Латоиф-ут-Тавоиф»).
6. Абдураҳмони Ҷомӣ . Осор. Дар ҳашт ҷилд, ҷилди якум, Душанбе, 1986.- С. 11-12.
7. Маҷаллаи «Лимар». Кобул, 1351 ҳ. шумораи 6.- С. 21.
8. Маҷаллаи «Овоз». Кобул. 1358 ҳ.- С. 20.
9. Гӯянда Наимов Эшонқул. Сокини ш. Самарқанд.
10. Гӯянда Зарифи Сиддиқӣ., сокини ш. Кобул, 45 сола, сабткунанда Д. Обидов, 1987.
11. Фонди фолклори тоҷик (минбаъд ФФ.), қисми 12.- С. 69-08.

**ОБИДОВ Д.**

## ОБРАЗ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ В НАРОДНЫХ СКАЗАНИЯХ И ПРЕДАНИЯХ

В статье анализируются и исследуются народные рассказы об одном из великих представителей персидско-таджикской литературы Нуриддине Абдуррахмане Джами. Исследование имеющегося материала показало, что много рассказов о нем распространено среди народов Таджикистана, Ирана, Узбекистана и Афганистана. В этих рассказах Джами изображен как известный поэт, великий мыслитель, гуманист, наставник молодых поэтов, с открытой душой, шутник и острослов. Исследование данных преданий имеет особое научное и воспитательное значение.

**Ключевые слова:** Абдуррахман Джами, поэт, таджикско-персидская литература, народные легенды, образ, характер, описание.

**OBIDOV D.**

## THE IMAGE OF ABDURRAHMAN JAMI IN FOLK LEGENDS

This article is dedicated to the folk legends about Abdurrahman Jami, the great Tajik-Persian poet. The analysis shows that many folk legends about him are spread among people of Tajikistan, Afghanistan, Iran and Uzbekistan. In the contents of legends Jami is described as the well-known poet, great thinker, trainer of young poets, clever person and etc. Investigation of these legends has many scientific and educational benefits.

**Keywords**: Abdurrahman Jami, poet, Tajik-Persian literature, folk legends, image, character, description.